# 120215 - Овезон кардани дуоҳо бар дарҳо ва ҷойҳои дигар

## савол

Баъзе аз мардумон ба мошинҳову дарҳояшон барчасбҳо (стикерҳо) мечаспонанд, дуои сафар, дуои баромадан, дуои нишастан ва дигар дуоҳоеро, ки аз расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омадааст, мечаспонанд. Ҳукми он чист?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Фикр намекунам, ки ин кор ишколе дошта бошад, зеро ин як ёдраскуниест барои мардум. Бисёр одамон ин дуоҳоро аз ёд накардаанд, бинобар ин агар (ин дуоҳо) дар пеши онҳо навишта шавад, қироат ва хондани онҳо барояшон осон мешавад. Дар ин кор ҳеҷ боке нест, масалан, инсон дар нишастгоҳи худ дуои каффораи маҷлисро бинависад, то ҳозиринро хотиррасон намояд, ки ҳангоми бархостан Аллоҳ таъолоро бо он дуо (яъне дуои каффораи маҷлис) дуо кунанд. Ҳамчунин барчасбҳои хурде, ки дар мошинҳо дар рӯбарӯи мусофирон часпонида шудаанд, аз қабили дуои савор шудан ва мусофират, ин амал ҳеҷ боке надорад".

Шайх Ибни Усаймин (раҳмати Аллоҳ таъоло бар ӯ бод). Ниг: "Фатово нурун ала-д-дарб"-и Шайх Ибни Усаймин (саҳ 42).